**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Саид Нуриддин Саид ба диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

Таърихи тамаддуни башар арзишҳои фалсафиеро ба мисли арзишҳои фалсафии халқи тоҷик ва мероси гаронмояро чун мероси фалсафии намояндагони барҷастаи халқи тоҷик монанди Абубакри Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абурайҳони Берунию Ибни Сино, Носири Хусраву Насируддини Тӯсӣ, Умари Хайёму Муҳаммади Ғаззолӣ ва даҳҳо дигарро кам ёд дорад. Ақидаҳои фалсафӣ ва илмии ин донишмандон то ба имрӯз хонандаи худро дар миёни халқу миллатҳои гуногун пайдо кардааст ва ба онҳо роҳи расидан ба саодати зиндагиро равшан мегардонанд. Асарҳои донишмандони болозикри халқи тоҷик ба аксар забонҳои олам тарҷума, интишор ва дастраси аҳли илм гардидаанд ва ин раванд ҳанӯз ҳам идома дорад. Афкори фалсафии намояндагони ҷараёнҳои фалсафии халқи тоҷик, бахусус донишмандони ақсои олам ба ғарбиён сахт таъсир расонида, дар ташаккулу такомул ва рушду нумӯи ҷараёнҳои фалсафии ғарб саҳми меҳварӣ доранд. Бинобар ин, муҳаққиқони ғарбию аврупоии осори файласуфони асримиёнагии халқи тоҷик хеле зиёданд онҳо самтҳои гуногуни фалсафаи тоҷикро омӯхта, хулосаҳои илмии гуногун баровардаанд. Садҳо донишмандони аврупоӣ ба омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни ҷараёнҳои фалсафии халқи тоҷик шуғл варзида, таҳқиқотҳои арзандаеро рӯи кор овардаанд, ки ҳамаи онҳо шоистаи омӯзиши сартосарии илмӣ мебошанд. Аз назари олимони аврупоӣ баҳо додан ба ҳикмати ҷараёну равияҳои фалсафии халқи тоҷик, хусусан мутафаккирони асримиёнагӣ, роҳи минбаъдаи рушду нумӯи фалсафаи миллии моро дар замони муосир равшантар мегардонад ва моро бо олами мутамаддин ва илми ҷаҳонӣ мепайвандаду мустақилияти илмии Тоҷикистони тозаистиқлолро комил мегардонад.

Дар самти омӯзишу пажӯҳиши фарҳанги пурғановати ниёгони халқи тоҷик саҳми донишмандони фаронсавӣ бағоят бузург аст. Шарқшиносони ин кишвари мутараққӣ аз асри XVII сар карда, ба фалсафа, таърих, забон, адабиёт, тиб ва дигар соҳаҳо ки бо заҳмати мутафаккирони тоҷики асрҳои миёна рушду нумӯ кардаанд, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таҳқиқоти зиёде анҷом додаанд. Дар байни шарқшиносони фаронсавии садаи XX Анри Корбен мақоми баландро соҳиб аст. Ин донишманд умри худро сарфи омӯзишу пажӯҳиши таърихи фалсафаи Шарқ, бахусус фалсафаи тоҷик карда, даҳҳо монография ва садҳо мақолаҳои илмӣ интишор намуда, бо сабку услуб, мантиқи сухан, таҳлилу таҷзия ва хулосабарориҳои ба худ хос аз дигарон фарқ мекунад. Аз ин рӯ, осори таҳқиқотии Анри Корбенро дар хусуси фалсафаи халқи тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашидан, аз бурду бохти он сухан рондан ва нуктаҳои муҳимми онро ошкор сохтан аз масоили умда, мубрам ва доғи рӯз аст.

Бинобар ин, мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯй Иброҳимов Ф.М.-“Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” саривақтӣ, моҳиятан муҳим ва ниҳоят зарур ба шумор меравад. Диссертатсияи унвонҷӯй аз муқаддима, 2 боб, 7 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Унвонҷӯй дар муқаддимаи диссертатсия тавонистааст зарурат ва доғи рӯз будани мавзӯи таҳқиқотро асоснок намояд. Дар қисми дараҷаи омӯзиши мавзӯъ унвонҷӯй нахуст дар хусуси таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба фалсафаи Шарқ маълумот дода, сипас роҷеъ ба баҳои олимону донишмандони ватанию хориҷӣ ба таҳқиқоти Анри Корбен сухан меронад. Муҳимтарин нуктаҳое, ки аз ҷониби олимон доир ба таҳқиқоти Анри Корбен гуфта шудаанд, мисол меоварад ва аз дастоварду камбудиҳои онҳо сухан мегӯяд ва дар ниҳоят таъкид мекунад, ки ҳанӯз аз ҷониби олимону муҳаққиқони мо роҷеъ ба осори Анри Корбен таҳқиқоти ягона ва мукаммал анҷом дода нашудааст. Навовариҳои таҳқиқот ба мавзӯъ мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот робитаи мантиқӣ дошта, бобу параграфҳо бо ҳам мутаносибан ва мантиқан мувофиқанд. Нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда аз 8 банд иборат буда, муҳтавои асосии таҳқиқотро ифода карда метавонанд.

Боби якуми диссертатсия ба мавзӯи **“Таҳқиқоти Анри Корбен дар бораи машшоияи шарқӣ”** бахшида шудааст. Дар ин боб унвонҷӯй назару андешаҳои Анри Корбенро доир ба афкори мутафаккирони машшоияи шарқӣ, асосан, Ал-Киндӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абулҳасани Омирӣ, Ибни Сино, Ибни Мискавайҳ ва дигарон мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор додааст. Параграфи якуми боби якум **“Тавсифи машшоия дар пажӯҳиши Анри Корбен”** мебошад. Бинобар сабаби он ки Анри Корбен Ғаззолиро дар асари худ-“Таърихи фалсафаи исломӣ” дар қатори мутафаккирони машшоӣ ҷой додааст, унвонҷӯй низ ҳамон тавр онро дар қатори машшоиён баррасӣ намудааст, ки ин сабабҳои худро дорад. Дар параграфи мазкур унвонҷӯй тавонистааст баъе ноҷӯриҳое, ки Анри Корбен дар хусуси мукотиба доштани Омирӣ бо Ибни Сино иброз менамояд, ошкор созад (с.22-23). Аз ҷониби дигар, унвонҷӯй дар бораи Абулҳасани Омирӣ, ки дар таърихи фалсафа чеҳраи начандон шинохташуда аст, маълумоти ҷолиб додааст.

Дар параграфи дуюми боби якум-**“Фалсафаи Абӯнасри Форобӣ аз диди Анри Корбен”** назару андешаҳои Форобӣ дар таҳқиқи Анри Корбен мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Аз таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқ маълум мегардад, ки Анри Корбен Ҳаким Ал-Форобиро аз як тараф агар намояндаи чараёни машшоияи шарқӣ шиносад, аз тарафи дигар ӯро ҳамчун сӯфӣ ба қалам медиҳад. Унвонҷӯй чунин ранг гирифтани масъаларо аз ҷониби муҳаққиқи фаронсавӣ нозукона омӯхта, ғалат будани ақидаи Анри Корбенро дар хусуси аҳли тасаввуф маънидод кардани Ал-Форобӣ исбот мекунад. Дигар нуктаи муҳимми ин параграф дар он аст, ки унвонҷӯй бар муқобили ақидаи олими фаронсавӣ дар бобати аз аҳли ташайюъ будани Форобӣ мебарояд. Ба навиштаи Анри Корбен, Ал-Форобӣ дар охири умр ба Ҳалаб, ба дарбори Сайфуддавлаи Ҳамадонӣ, ки аз аҳли ташайюъ буд, рафта мавриди эҳтиром қарор гирифт. Чунин ақидаи олими фаронсавиро унвонҷӯй қабул накарда, далелҳои ӯро номуътамад шуморидааст (с.38). Унвонҷӯй решаҳои аҳли тасаввуф шуморидани Форобиро аз ҷониби Анри Корбен дар осори устодони вай Э.Жилсон, Карра де Во ва Л.Массинён ҷустааст. Ба қавли унвонҷӯй, Анри Корбен Ҳаким Ал-Форобиро дар пайравӣ ба устодонаш сӯфӣ ҳисобидааст, ки ба ҳақиқат рост

намеояд. Ҳамин тавр, унвонҷӯй дар параграфи мазкур назару андешаҳои олими фаронсавиро оид ба ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва иҷтимоии осори Ал-Форобӣ хеле муфассал ва нуктасанҷона таҳқиқ кардааст.

Параграфи сеюми боби якум-**"Ташреҳи Анри Корбен ба фалсафаи ирфонии Ибни Сино"** бахшида шуда, унвонҷӯй дар он назари Анри Корбенро асосан дар хусуси рисолаҳои тамсилии Ибни Сино баррасӣ кардааст. Дар ин параграф низ унвонҷӯй бар хилофи баъзе аз ақидаҳои олими фаронсавӣ баромада, бо далелҳои хеле муътамад онро рад мекунад. Аз ҷумла, ба назари Иброҳимов Фурқатҷон Муродович, Анри Корбен файласуфест, ки қариб тамоми осори фалсафии бисёрҷилдаи Ибни Синоро сарфи назар намуда, бо назардошти се рисолаи ҳаҷман хурди Ибни Сино: "Ҳай ибни Яқзон", "Рисолат- ат-тайр" ва "Саломон ва Абсол" самти асосии фалсафаи ин мутафаккирро ирфонӣ қаламдод менамояд (с.53). Тавре ишора намудем, унвонҷӯй ба андешаи Анри Корбен розӣ набуда, дар заминаи омӯзиши амиқи таълифоти номбурдаи Ибни Сино ба чунин хулоса расидааст: "Ба эҳтимоли мо, андешаи Ибни Сино дар рисолаи мазкур, маънои дуҳӯра дошта, ҳам фарогири маънии маҷозӣ ва рамзианд, вале ба ҳар сурат он тасаввуфе, ки Анри Корбен дар Ибни Сино меҷӯяд, камтар ба мушоҳида мерасад" (с.57-58).

Хулоса, дар ин параграф, унвонҷӯй дар заминаи се рисолаи номбурдаи Ибни Сино назару андешаҳои Анри Корбенро бо назару андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, шарқию ғарбӣ, махсусан, М.Диноршоев, У.Султонов, К.Олимов ва Н.Саидов хеле муфассал қиёс намуда, таҳлилу хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст, ки онҳоро дастоварди муҳимми таҳқиқот шуморидан мумкин аст.

**Боби дуюми** диссертатсия бо номи **"Ҷараёнҳои фалсафию динӣ дар таҳқиқоти Анри Корбен"** рӯйи кор омада, асосан, ҷараёнҳою равияҳои гуногуни фалсафаи исломиро дар бар мегирад ва аз чаҳор параграф иборат аст.

Дар **параграфи якуми боби дуюм – "Моҳияти фалсафаи калом аз нигоҳи Анри Корбен"** - таълимоти калом, хусусан равияҳои он: муътазила ва ашъария, масъалаҳои онҳо: тавҳид, адл, амр ба маъруф ва ғайра дар таҳқиқоти

олими фаронсавӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Унвонҷӯй дар такя ба таҳқиқоти Анри Корбен ва дигар муҳаққиқон иброз медорад, ки ҷараёни муътазила аз калом муқаддамтар аст, муътазилиён “ҷудошуда” ҳисоб мешаванд, таълимоти онҳо на фақат ба ислом, балки ба таълимоти динии Эрони Бостон ва яҳудия низ пайвастагӣ дорад (с.77-78). Бурди унвонҷӯй дар он аст, ки тавонистааст ҷараёнҳои муътазила ва ашъарияи ба ҳам мухолифро аз нигоҳи Анри Корбен ва аз назари дигарон баррасӣ намуда, хулосаҳои илмӣ барорад. Чунончи: “Ашъарӣ ба арзиши мутлақи ақл қоил нест ва бо вуҷуди он ӯ аз далелҳои ақлӣ-мантиқӣ комилан даст накашидааст. Зеро ӯ ҳангоми баррасии масъалаҳо на танҳо аз Қуръон ва ҳадис истифода мекард, балки зимни баррасии онҳо аз далели ақлонӣ низ бештар истифода кардааст” (с.83). Ҳамин тавр, унвонҷӯй ҷараёнҳои муътазила ва ашъарияро аз назари Анри Корбен баррасӣ намуда, ба хулосае меояд, ки муътазилиён нисбат ба ашъариён бештар ақлгаро будаанд.

Параграфи дуюми боби дуюми диссертатсия **“Тасаввуф дар таҳқиқоти Анри Корбен”** ном дорад. Ҳақ ба ҷониби унвонҷӯй аст, ки Анри Корбенро, пеш аз ҳама, муҳаққиқи пешқадами ҷараёни тасаввуфи ислом мешиносад, зеро дар аксар осори таҳқиқотии донишманди фаронсавӣ масъалаҳои марбут ба тасаввуф мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба андешаи унвонҷӯй муҳаққиқи фаронсавӣ муътақид аст, ки дар ислом ирфони динӣ вуҷуд дорад, бинобар ин он ҳамчун падидаи рӯҳонӣ дорои аҳамияти хоса аст. Дар такя ба андешаи ховаршиноси фаронсавӣ, унвонҷӯй тасаввуфро кӯшише барои ошкор сохтани моҳияти ботинии ваҳйи пайғамбарӣ, рӯй гардонидан аз дине, ки дар он танҳо шариат ҳукмфармост ва ҷаҳду талошест барои эҳё намудани таҷрибаи ботинии пайғамбар дар шаби меъроҷ маънидод мекунад (с.90). Яъне бо ин роҳ унвонҷӯй бо А.Корбен ҳамақида будани худро нишон дода, хусусияти комилан динӣ доштани тасаввуфро рад менамояд.

Дар параграфи сеюми боби дуюми диссертатсия - **“Анри Корбен ва фалсафаи исмоилия”** унвонҷӯй назару андешаҳои шарқшиноси фаронсавиро дар муқоиса бо андешаҳои дигар олимон роҷеъ ба масъалаҳои марбут ба фалсафаи исмоилия омӯхтааст. Унвонҷӯй дар ин параграф тавонистааст се

давраи бузурги таърихи исмоилияро аз назари Анри Корбен нишон диҳад: исмоилияи ибтидоӣ, исмоилияи давраи Фотимӣ ва исмоилияи ислоҳшудаи аҳди Аламут. Аз омӯзиши диссертатсия маълум мегардад, ки олими фаронсавӣ мутафаккирони асримиёнагии ҷараёни исмоилияро бо Р.Декарт қиёс намуда, зери танқид қарор додааст. Унвонҷӯй ба ин ақидаи олими фаронсавӣ зид баромада, дар такя ба файласуфи тоҷик Х.Додхудоев ӯро танқид намуда, назару андешаи мутафаккирони асрҳои IX-XI-ро бо андешаи олими асри XVII қиёс намуданро усули нодуруст мешуморад. Унвонҷӯй таълимоти исмоилияро дар таҳқиқоти Анри Корбен мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае меояд, ки ҷараёни исмоилия бештар зери таъсири таълимоти навафлотуния қарор дошта, тавассути он аз ҷараёнҳои дигари фалсафаи юнонӣ низ илҳом гирифтааст (с.108).

Параграфи чоруми боби дуюми диссертатсия ба мавзӯи **"Назари Анри Корбен ба фалсафаи ишроқияи Суҳравардӣ"** бахшида шудааст. Дар ин параграф унвонҷӯй нақши Анри Корбенро дар шинохти фалсафаи ишроқ баланд арзёбӣ кардааст. Назару андешаҳои шарқшиноси фаронсавиро баррасӣ карда, унвонҷӯй иброз менамояд, ки: "Суҳравардӣ дар рисолаи "Ҳикмат-ул-ишроқ" кӯшиш намудааст, то ҳадди имкон афкори ҳакимони қадими халқи тоҷик ва Юнони Қадимро синтез намояд ва дар партави таълимоти онҳо таълимоти ҷадиди худро пешкаш созад". Далели унвонҷӯй аз он иборат аст, ки таъсири афкори Зардуштро на танҳо ба ишроқи Суҳравардӣ, балки ба мутафаккирони Юнони Бостон, хусусан ба Афлотун ва пайравонаш метавон мушоҳида намуд. Унвонҷӯй дар заминаи таҳқиқоти Анри Корбен андешаҳои Суҳравардиро бо Ибни Сино қиёс намуда, хулосаҳои ҷолиб баровардааст. Ба андешаи унвонҷӯй мафҳуми "Машриқ", ки аввалин бор дар рисолаи "Ҳай ибни Яқзон" истифода шудааст, барои Ибни Сино ва Суҳравардӣ умумият дорад. Нуктаи аслии рисолаи Суҳравардӣ "Ал-Ғурбат-ул-ғарбия" аз нуктае шурӯъ мешавад, ки рисолаи Ибни Сино дар он нукта қатъ мегардад. (с.118-119). Ба ин нигоҳ накарда, унвонҷӯй ҳикмати ишроқро аз фалсафаи машриқия ҷудо менамояд. Ба қавли унвонҷӯй: "Вале дар хусуси ҳикмати ишроқ, чунонки Суҳравардӣ аз асли ишроқ огоҳ набудани Ибни Синоро таъкид намудааст, ин худ далелест, ки ҳикмати

машрикияи Ибни Синоро бо ҳикмати ишроқи Суҳравардӣ воҳид донистан чандон ба воқеият рост намеояд. Суҳравардиро вориси Ибни Сино донистани Анри Корбен низ масъалаи баҳсталаб аст (с.123).

Ҳамин тарик, натиҷагирии унвонҷӯй дар хулосаи диссертатсия комилан илмӣ мебошад. Диссертатсия аз нигоҳи методологияи илмӣ, таҳлилу баррасиҳо ва натиҷагириҳо комилан ба талабот ҷавобгӯй аст. Унвонҷӯй ба мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ноил гаридааст. Дастовардҳои илмии рисола ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ барои ҷомеаи илмии тоҷик муфиданд.

Бо вуҷуди он ки диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида таҳия гардидааст, вале ҳамоно аз баъзе маҳдудият камбудию норасоиҳо орӣ нест:

1. Саҳифаҳои 18-21-и диссертатсия ба мутафаккири араб Ал-Киндӣ бахшида шудаанд, ҳол он ки Ал-Киндӣ мутафаккири тоҷик набуд ва ин мавод ба номи диссертатсия мувофиқат намекунад. Хуб мешуд, ки дар хусуси Ал-Киндӣ мухтасартар сухан ронда мешуд ва ба ҷои он ягон мутафаккири тоҷик баррасӣ мегардид.

2. Ҷараёни тасаввуфро аз нигоҳи Анри Корбен баррасӣ намуда, унвонҷӯй аз таълимоти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ёде накардааст. Дар ҳоле ки Анри Корбен Мавлоноро яке аз бузургтарин намояндагони аҳли тасаввуф мешуморад ва андешаҳояшро ба риштаи таҳқиқ мекашад.

3. Ҳангоми таҳқиқ унвонҷӯй масъалаҳои мухталифро ба таври омехта баррасӣ намуда, онҳоро аз ҷиҳати онтологӣ, гносеологӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ғайра тасниф ва классификатсия накардааст.

4. Албатта дар диссертатсия иштибоҳоти услубӣ ва имлоию техникӣ низ ба мушоҳида мерасад, вале онҳо ислоҳшавандаанд.

Камбудиҳое, ки баён гардиданд, хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва рафъшаванда мебошанд.

Автореферат ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тахассусӣ интишорнамудаи унвонҷӯй муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ ғанӣ гардонида метавонанд. Диссертатсияи Иброҳимов Ф.М. **“Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен”**, аз рӯйи моҳияти мавзӯи таҳқиқшаванда, ҳадафу

вазифаҳои муайяни таҳқиқот, дастрасӣ ба маводи таҳқиқшаванда, шеваи таҳқиқ, аҳамияти методологиву назари амалӣ ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо навгониҳо ва натиҷагириҳо кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16-и"Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Раиси Кумитаи телевизион ва радиои
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви вобастаи АМИТ Саид Нуриддин Саид

Имзои Раиси Кумитаи телевизион ва радиои
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
узви вобастаи АМИТ Саид Нуриддин Саидро **тасдиқ мекунам**:

Сардори Раёсати кадрҳо,
таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузории
Кумитаи телевизион ва радиои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шокирзода М.А.